Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» , ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди дилхоҳ кишвар такяи асосӣ ба сармояи инсонӣ гузошта мешавад. Маҳз, кормандони салоҳиятпеша дар меҳвари асосии фаъолияти натиҷабахш ва судмандии кору амалиётҳо нақши калидиро касб намудаанд.

Ба мо маълум аст, ки идоракунии кормандон яке аз бахшҳои таркибии менеҷмент буда, маҷмӯи шарту усулҳо ва тарзу воситаҳои таъсиррасонӣ ба рафтор ва фаъолияти кормандон, самарабахш истифода бурдани нерӯи корӣ ва қобилияти зеҳнии онҳоро дар бар гирифтааст.

Бо ибораи дигар, маҷмуи усулҳои бо ҳам алоқаманди иқтисодӣ, ташкилӣ ва иҷтимоиро дар назар доранд, ки самаранокии меҳнат ва қобилияти рақобатпазирии корхонаро пурмазмун ва мақсаднок мегардонанд. Кормандон нерӯи созанда ва омили воқеан бебаҳо мебошанд.

Дар шароити дигаргуншавиҳои босуръати иқтисодиёт нақши илму технология батадриҷ меафзоияд ва дар ин ҳолат танҳо корхонае муваффақ мегардад, агар кормандони босалоҳият ва рақобаттавонро доро бошад. Барои таъмини натиҷаҳои назаррас такмили пайвастаи кормандон зарурияти аввалиндараҷа дорад.

Муаллифи диссертатсия яке аз мавзуъҳои мубрам ва актуалиро мавриди таҳқиқот қарор додааст, ки муҳтавои автореферат фарогири тамоми паҳлӯҳои асоси кор мебошад.

Аз ин лиҳоз, муаллиф дуруст зикр намудааст, ки рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ бо дарназардошти истифодабарии самаранокии захираҳои меҳанатӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодии он, дар қатори дигар омилҳои таъсиррасон, аз бисёр ҷиҳат аз таъминнокӣ бо кормандони салоҳиятнок вобастагӣ дорад. Маҳз, такмили низоми идоракунии кормандон ҳамчун заминаи татбиқи стратегияи рушди иқтидори кадрӣ имконият фароҳам меорад, ки самтҳои дарозмуддати рушди онҳо муайян шаванд, ҳадафҳо аниқ ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо муқаррар гарданд. Ҳамаи ин тадбирҳо самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатиро дар самти амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъмин ва барои рушди минбаъдаи онҳо заминаи устувор мегузоранд.

Бояд зикр намуд, ки дар тадқиқот аз вобастагӣ ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда чунин усулҳои тадқиқот, аз ҷумла усули системавӣ-таркибӣ, сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра истифода бурда шуданд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва як қатор тавсияҳо оид ба такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ пешниҳод гаштаанд.

Хуллас, бояд ибрози андеша намуд, ки новобаста аз он, ки автореферат ҷаҳатҳои мусбӣ дорад, ҳамчунин камбудиҳои мазкур ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1. Дар қисмати назариявии автореферат мафҳумҳои иқтидори кадрӣ, сармояи инсонӣ, иқтисоди рақамӣ, рақамикунонии фаъолияти меҳмонхонаҳо нокифоя тавзеҳ дода шудааст.

2. Дар автореферат баъзе расму механизмҳои овардашуда пурра тавзеҳ дода нашудааст ва ҳамзамон хатогиҳои имлогӣ низ ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ мӯҳтавои автореферати диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович нишон медиҳад, ки он дорои аҳамияти илмиву амалӣ буда, дар мавзуи мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси ихтисоси 08.00.12 - иқтисодиёти меҳнат арзанда мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Бегмуродов С. Ш.**

Суроғаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон:
734036, ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев, 63/3,
Тел: (+992-37) 234-79-90
E-mail: info@tut.tj
E-mail: begmurodovs@mail.ru

Имзои Бегмуродов С.Ш.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва назорат Раҳматулло Нусратулло